ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 22.02.2023 с., таҳти №2

Барои сазовор донистани Суфиев Садриддин Насридинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).

Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14 декабри соли 2022 (Суратмаҷлиси №12) (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.01.2022 с., №24/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Суфиев Садриддин Насридинович соли таваллудаш 1983, соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлобро бо ихтисоси «таърих ва ҳуқуқ» хатм намудааст.

Аз соли 2007 то ҳол дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Рохбари илмӣ: Олимов Музаффар Абдуваққосович – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии кишварҳои хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқӣ ва рохбари Маркази мутолиоти минтақавӣ ва муқоисавии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муқарризони расмӣ:

Набизода Ваҳҳоб Машраб – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Шарофов Эраҷбой Умрибоевич – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шӯъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти

омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ номзади илмҳои таърих, дотсент К.А. Қудратов имзо ва аз ҷониби директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ниёзӣ Ё.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи такриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих), аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, робитаҳои фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои мазкур алоқамандии зич доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзуи диссертатсия 7 маколаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии такризшаванда нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

1. Суфиев, С. Маданият ва сохтори сиёсии Ҳиндустони Қадим [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 1 (73). – С. 253-257.
2. Суфиев, С. Вазъи сиёсиву адабии Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 3 (75). – С. 270-272.
3. Суфиев, С. Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №1. – С. 132-136.
4. Суфиев, С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Покистон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №10. – С. 92-97.
5. Суфиев С. Аҳамияти Осиёи Марказӣ барои иқтисод ва сиёсати хориҷии Покистон [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – 2020, №2 (2). – С. 258-260.

6. Суфиев С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020, №4. – С. 123-129.
7. Суфиев С. Густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар замони истиқлолият [Матн] / М.А. Олимов, С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. – 2022, №1(26). – С. 189-198.

Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид шудаанд:

1. **Меъроҷиддини Насридин** – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат, эродҳо чунинанд:

- Дар саҳифаи 4 уми автореферат дар мубрамияти мавзуъ муаллиф қайд намудааст, ки "Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ имкониятҳои бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд" Агар муаллиф ба ҷои ибораи "имкониятҳои бузург" "имкониятҳои воқеии кишварҳо"-ро дар автореферат муайян мекард, мавқеи ӯ боз ҳам асоснок ва мустанад мегардид;
- Дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

1. **Наимов Исмоил** – номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат, эродҳо чунинанд:

- Дар самти хулоса ва пешниҳодҳо дар баробари тавсияҳо роҳҳои амалии ҳалли мушкилоти ба мавзуъ алоқаманд нишон дода мешуд беҳтар мебуд;
- Дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

2. **Умаров Абдуллохоҷа Қурбонхоҷаевич** – номзади илмҳои таърих, муовини декан оид ба корҳои илми факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:

- масъалаҳои таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон **коркард карда шуданд**;
- масъалаҳои ташаккули ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон дар охири асри ХХ (1991-1999) баррасӣ ва **пешниҳод шудааст**;
- **исбот шудааст,** ки ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон рушд ва инкишоф ёфтаанд;
- истиқрор ва инкишофи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Покистон дар охири асри ХХ **ҷорӣ шудааст;**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти унвонҷӯ бо он асоснок карда шудааст, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи илм ва фарҳанг, инчунин, дар раванди таълими курсҳои «Омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ» ва инчунин, курсҳои махсус оид ба марҳилаҳои ташаккули ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар мактабҳои олии кишвар вобаста аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳо бахшида ба ҳаёти фарҳангии халқҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, маводи таълимӣ, методӣ, курси лексияҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истифода шаванд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок усулҳои воқеият, таърихият ва системавӣ, таҳлил тавсиф ва муқоиса **истифода шудаанд.**

Дар рафти таҳқиқ қонунҳои амалкунанда, шартномаҳои байнидавлатӣ, изҳороти муштараки сарварони давлатҳо баромадҳои шахсони расмии кишварҳо ва осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба таърихи ташаккули алоқаҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷумла, бо давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ бахшида шудааст, **омӯхта шудаанд.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сохторҳои марбутаи Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ҷиҳати беҳтар намудани ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ мавриди **истифода карор гиранд.**

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми тартиб додани нақшаҳои инкишофи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар самти таҳким ва умқи ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ коркард ва **ҷори карда мешавад.**

Мушкилиҳо дар ҳамкориҳои ҷонибҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати рушди афзалиятноки ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ муайян карда шуданд.

Ғоя дар асоси консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эъломияи байналмилалӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ, маводи бойгониҳои ҷории Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **асоснок шудааст.**

Дар диссертатсия асарҳои илмии З. Ғаффорова, Н.Шарифов, Б.И. Искандаров, Б.Н. Луния, А. Мухторов Қ. Расулиён, Ҳ. Зарифӣ, А. Сатторзода, З. Саидзода, Р.Ш. Нуриддинов, М.А. Олимов ва дигарон **истифода карда**

шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

Шурои диссертатсионӣ аз он хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасонидашуда буда, аз ҷиҳати мазмун ва мундарича ба ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мувофиқат буда, ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 67 ва 69-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи 22-юми феврали соли 2023 Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Суфиев Садриддин Насридинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз **15** нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ **13** нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо **5** нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз **13** нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор **13** нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Муллоҷонов С.К.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Акрамова С.Х.**

22 феврали соли 2023